Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 марти соли 2022
Сешанбе
№ 19 (14824)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

*Агар ба занон, ки фариштагони хонадонамон, рамзи некиву садоқат ҳастанд, як амали нек кунем, ҷои шубҳе нест, ки ҳатман даҳ амали нек шуда бармегардад. Модаркалонҳои дугўи мо, модарони муштипарамон ва хоҳарони азизи мо ба қадри ин ҳурмату эҳтиром мерасанд. Дар кишваре, ки қадри зан, шаъну шарафи ў гиромӣ дошта мешавад, бешубҳа ҳамеша сулҳу субот, оромиву ободӣ пойдор хоҳад буд.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# ДАР КИШВАРЕ, КИ ҚАДР ВА ШАЪНУ ШАРАФИ ЗАН ГИРОМӢ ДОШТА МЕШАВАД, ҲАМЕША СУЛҲУ АМОНӢ ҲУКМ МЕРОНАД






## ЗАН – ФАРИШТАИ ХОНАВОДА, РАМЗИ МУҲАББАТ ВА САДОҚАТИ БЕПОЁН

***Гиромидошт ва эҳтироми занон, ғамхорӣ дар ҳақи онҳо ҷузъи ҷудонопазири арзишҳои миллии мо мебошад. Беҳуда занро ба баҳор – фасли бедоршавӣ ва шукуфоӣ шабоҳат намедиҳанд. Дар мамлакати мо занони дилрабо, мақсаднок, ўҳдабаро, боистеъдод ҳамеша дар эҳтироманд.***

*(Давомаш дар саҳ.3).*

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РЎЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОН

Модарону хоҳарони азиз!

Духтарони азизам!

Шумо намояндагони олами нафосат, занони мамлакатамонро, ки дар тантанаи имрўзаи аз ҷиҳати шукўҳу шаҳомат тамоман дигар иштирок менамоед, бо Рўзи байналмилалии занон самимона табрик менамоям. Ба ҳамаатон эҳтироми амиқ ва орзуҳои неки худро баён менамоям.

Пеш аз ҳама ба шумо саломатии бардавом, табъи зебои баҳорӣ таманно дорем, зеро бахту саодати аҳли оила ва наздиконатон, тамоми мардуми мо, ки шаъну шарафи занро ҳамеша гиромӣ меоранд, бештар аз шумо вобаста аст.

Ҳамватанони азиз!

Халқи мо аз қадимулайём симои Модар, занро неъмати бузург, мўъҷизаи бемислу монанди Офаридгор медонист ва онро ҳамеша пос медорад. Обидаҳои меъмории муқаддаси замини кишварамон ба мисли маҷмўаи «Бибихонум», «Қизбибӣ», «Модарихон», «Қизириқ» низ аз чунин эътибори баланди азалӣ далолат медиҳад.

Дар айни ҳол мо аз занони фозилаи худ, ки аҷдоди бузургамонро ба воя расондаанд, аз корнамоиҳои бузурги онҳо рўҳбаланд гардида, ба пешрафти башарият ҳиссаи калон гузоштаанд, албатта ифтихор дорем.

Ба ҳама маълум аст, ки то чи андоза халқпарвар ва адолатпеша будани ҳар як ҷомеа ва давлатро муносибат ва ғамхорӣ нисбат ба бонувон муайян мекунад.

Барои ноил гардидан ба мақсади олии розӣ кардани халқ таъмин кардани ҳуқуқи қонунӣ ва манфиатҳои занону духтарон, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо ба яке аз самтҳои муҳими Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав табдил ёфт.

Дар ин маврид мехостам диққати шуморо ба баъзе мисолҳо ҷалб намоям.

Дар асоси тамоюли олиҷанобӣ **«Ҳеҷ кас аз меҳру таваҷҷуҳ дар канор намемонад»** дар соли 2021 ба қариб 900 ҳазор нафар занон кумаки иҷтимоию иқтисодӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ расонда шуд. Ба ин мақсадҳо аз буҷа 2 триллион сўм ҷудо карда шуд. Аз ҷумла, барои хариди манзил ба 18 ҳазор нафар занон 400 миллиард сўм вомҳои имтиёзнок ҷудо карда шуданд. Тартиби пўшондани хароҷоти боғча ба фарзандони заноне, ки саробонашонро гум кардаанд, ҷорӣ карда шуд. Ба боз як рақами муҳим эътибор диҳед.

Танҳо дар соли 2021 ба мақсади дастгирии соҳибкории бонувон беш аз 2 триллион сўм вом ва субсидҳо ҷудо карда шуданд. Дар натиҷа зиёда аз 320 нафар хоҳарони мо соҳиби кори доимӣ ва даромад гардиданд.

Оид ба мустаҳкам намудани ниҳоди маҳалла ва оила, ки зинаи асосии ҷамъият ба ҳисоб меравад, корҳои шоёни диққат пеш бурда мешаванд.

Дар соли 2021 зиёда аз 2 ҳазор духтарони ба оилаҳои эҳтиёҷманд мансуб ба мактабҳои олӣ дар асоси грант қабул карда шуданд, пулҳои қарордоди боз ҳамин миқдор талаба пардохта шуд. Ба туфайли таваҷҷуҳ дода шудан ба таълими занон соли гузашта 60 фоизи донишҷўёни ба мактабҳои олӣ қабулшударо занону духтарон ташкил доданд.

Агар шаш сол қабл дар мактабҳои олӣ 110 ҳазор нафар духтаронамон таҳсил гирифта бошанд, имрўз миқдори онҳо ба 400 ҳазор расидааст ва ё ҳиссаи онҳо аз 38 фоизи соли 2016 имрўз қариб ба 50 фоиз расидааст.

Ин натиҷаҳо низ ифодаи амалии ислоҳотамон дар ин самт мебошанд, гўям ба фикрам шумо низ ба ин ақида розӣ мешавед.

Маълум аст, ки сатҳи камолоти ҳар миллатро пеш аз ҳама камолоти илмию фарҳангии зан муайян мекунад ваояндаи бузурги миллатро модарони оқилаву босавод меофаранд.

Мутафаккирони барҷаста беҳуда таъкид нанамудаанд, ки **«Як духтарро хононда, шумо ба тамоми миллат сабақ медиҳед»**.

Мо корҳои оғознамудаамонро пайваста идома хоҳем дод, то ки духтарони мо соҳиби донишу касби замонавӣ шуда дар ҷомеа ва оилаи худ мавқеи сазовор пайдо кунанд. Ба ин муносибат пеш аз ҳама мо **Барномаи миллии дастгирии таълими занонро**, ки барои солҳои 2022-2026 пешбинӣ шудаанд, қабул менамоем. Дар доираи иҷрои барномаҳо дар пойтахт барои занон донишгоҳи алоҳида, дар минтақаҳо – техникумҳои он созмон дода хоҳанд шуд. Тартиби ба тамоми донишҷўён пешниҳод намудани вомҳои бефоиз ба муҳлати ҳафт сол барои пардохти шартномаҳои таълимӣ ҷорӣ карда хоҳад шуд.

Дар идомаи ин кор мо дастгирии ҳамаҷонибаи занони олимаро, ки бо тадқиқотҳои илмии худ ва коркардҳояшон дар рушди мамлакат саҳми бузург мегузоранд, ба зинаи нав хоҳем бардошт.

Имрўз дар байни занони мамлакати мо даҳҳо академикҳо ва профессорон, садҳо номзадҳо ва докторҳои илм, унвонҷўҳои боистеъдод ҳастанд. Бо илм машғул шудан, кашфиётҳои илмӣ намудан мисли бо сўзан чоҳ кофтан аст.

Ман ҳамчун инсоне, ки аз ин муҳит баромадаам, хуб медонам, ки фаъолияти илмӣ то чӣ андоза душвор ва мураккаб мебошад. Аз ин рў, занони олимаро, ки ба ғайр аз ғамхорӣ дар ҳаққи оила ва тарбияи фарзандон тадқиқотҳои илмӣ пеш мебаранд ва дар ин соҳа ба натиҷаҳои амалии назаррас ноил мегарданд, ман соҳибони ҳақиқии матонату ҷасорат меҳисобам ва ба меҳнати онҳо баҳои баланд медиҳам.

Ба мақсади афзоиши шавқу завқ ва иштиёқи баланди занону духтарони закӣ ва донишманд нисбати илму фан мо як қатор чорабиниҳои муҳимро барномарезӣ кардаем. Аз ҷумла, шурўъ аз соли нави таҳсил барои пурра аз ҳисоби буҷа пардохт намудани маблағи шартномаи ҳамаи духтароне, ки дар магистратура таҳсил мекунанд, солона 200 миллиард сўм ихтисос дода мешавад, дар равияи докторантура барои занону духтарон солона ҳадди ақал 300-то квотаи мақсаднок ҷудо карда мешавад.

Бо мақсади мунтазам ташкил ва мувофиқгардонии ин корҳо дар назди Кумитаи давлатии кор бо оила ва занон «Ҷамъияти бонувони олима» ташкил карда мешавад. Ин ҷамъият бонувони донишманде, ки дар соҳаи илм чӣ дар кишвар ва чӣ дар берун аз он ба дастовардҳои калон ноил мешаванд, муттаҳид намуда, барои ба ҳар ҷабҳаи ҳаёти мо ворид шудани нури ақлу заковати онҳо майдони парвоз фароҳам меорад.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

## ВАЗИФАҲО ОИД БА ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲАҶМИ САРМОЯҲО ВА СОДИРОТ, ФАРОВОН ГАРДОНДАНИ БОЗОРИ ОЗУҚАВОРӢ МУАЙЯН ШУДАНД

***7 март таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид, ки дар он рафти аз ҷониби ҳукумат татбиқ намудани чораҳо оид ба муваффақ шудан ба нишондиҳандаҳои мақсадноки рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳо ва минтақаҳо барои соли ҷорӣ баррасӣ гардиданд.***

Таъкид гардид, ки дар моҳҳои январ-феврали соли ҷорӣ 687 миллион доллар сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 615 миллион доллар сармоя ва вомҳои бевоситаи хориҷӣ аз худ карда шудааст. Аз аввали сол иқтидорҳои истеҳсолӣ бинобар 506 лоиҳаи арзиши умумиаш 337 миллион доллар ба истифода дода шуданд, ки созмон додани беш аз 7 ҳазор ҷойи нави кориро таъмин кард.

Дар давоми ду моҳ ҳаҷми содироти амвол ва хидматрасонӣ аз 1,7 миллиард доллар зиёд шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 20 фоиз афзуд. Аз ҷумла, содироти масолеҳи сохтмони корхонаҳои ватанӣ қариб 2 баробар, маҳсулоти электротехникӣ – 1,5 баробар, бофандагӣ ва меваю сабзавот – 1,3 баробар афзуд.

Дар ҷамъомад ба роҳбарони соҳаҳо ва минтақаҳо супориш дода шуд, ки масъалаҳои таъминоти логистикиро ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва амалигардонии таҳвили содиротӣ сари вақт ҳал кунанд.

Сарвари давлат алоҳида ба масъалаҳои таъмини устувории нархҳо дар бозори истеъмолии дохилӣ истода гузашт.

Таъкид гардид, ки дар ду моҳи соли ҷорӣ сатҳи инфлятсия 1,38 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 (1,7 фоиз) паст мебошад.

Дар баробари ин тағйирёбии якбораи нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз ҷониби роҳбарони идораҳо ва минтақаҳои масъули ҷумҳурӣ андешидани чораҳои иловагиро оиди роҳ надодан ба тағйирёбии якбораи нархҳо дар бозори дохилӣ, пеш аз ҳама аз ҳисоби фаровон гардондани бозорҳои озуқаворӣ бо маҳсулот дар ҳаҷми зарурӣ тақозо менамояд.

Президент ба корҳое, ки роҳбарони вилоятҳо ҷиҳати ба аҳолӣ иловагӣ ҷудо кардани 80 ҳазор гектар замин барои рушди хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ ва парвариши маҳсулоти кишоварзии дар бозори дохилӣ серхаридор амалӣ менамоянд, баҳои танқидӣ дод.

Инчунин оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ ба миқдори 2 триллион сўм барои рушди меваву сабзавот ва тезондани азхудкунии ин маблағҳо супоришҳои махсус дода шуданд.

Ба роҳбарони вилоятҳо супориш дода шуд, ки оид ба таъмини бемайлони интиқоли маҳсулот ба бозорҳои озуқаворӣ ва ташаккули захираҳои зарурӣ ба ин мақсадҳо чораҳо андешанд.

**ЎзА.**

## МУАРРИФИИ ЛОИҲАИ ШАҲРАКИ ОЛИМПӢ

***Президент Шавкат Мирзиёев 7 март бо тақдимоти корҳо оиди ба сохтмон ва кабудизоркунӣ дар шаҳри Тошканд шинос шуд.***

Тавре ки маълум аст, соли 2025 дар Тошканд Бозиҳои осиёии наврасон баргузор мешавад. Ба мусобиқа аз тамоми қитъа варзишгарон, мураббиён, мухлисон ва журналистон меоянд. Барои дар сатҳи баланд баргузор кардани ин чорабинии бонуфузи варзишӣ дар ноҳияи Яшнободи пойтахт бунёди шаҳраки олимпӣ ба нақша гирифта шудааст. Лоиҳаи иншоотро ширкати инжиниригии Arup-и Британиё таҳия кардааст.

Мувофиқи лоиҳа дар маркази шаҳрак стадиони олимпӣ, дар атрофи он – маҷмўъҳои пўшидаи варзишӣ, қасри намудҳои варзиши обӣ, майдончаҳои машқ, канали завракронӣ сохта мешавад. Ҳамаи шароитҳо ба талаботи Шўрои олимпии Осиё ва федератсияҳои байналмилалии варзиш мувофиқ хоҳанд омад. Инчунин бинои маъмурӣ, хобгоҳ, музей ва объектҳои хоҷагидорӣ қомат рост мекунанд.

Ба ғайр аз баргузории мусобиқаҳо шаҳрча ҳамчун пойгоҳи таълимиву тамринӣ хидмат хоҳад кард. Дар ин ҷо донишкадаи маҳорати олии варзишӣ, федератсияи варзиш ва дигар муассисаҳо дар соҳаи варзиш ба фаъолият шурўъ мекунанд.

Боз як самти дигари кор бунёди майдони сабзи сайругашт дар шафати кўчаи Ўзбекистони Нав мебошад, ки ба шаҳраки олимпӣ мебарад. Дар он барои истироҳат ва шуғл варзидан бо варзиш шароит муҳайё карда мешавад.

Сарвари давлат ба ҷузвҳои арзиши лоиҳа, шароите, ки барои меҳмонон фароҳам оварда хоҳанд шуд, таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки ҳаҷми кор ва маблағҳои молиявиро бино бар солҳо ҳисоб карда, нақшаи аниқ тартиб дода, барои сохтмон тендер эълон кунанд.

Президент дар ҷамъомаде, ки пештар оид ба татбиқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» баргузор шуда буд, ба мақсад мувофиқ будани шинондани дарахтони гулу баргрезро қад-қади роҳҳо зикр карда буд. Дар тақдимоти имрўза нақшаҳои дахлдор баррасӣ шуданд.

Барои ин 21 кўчаи Тошканд, аз ҷумла роҳи Ҳалқаи хурд, Мустақиллик, Навоӣ, Ислом Каримов, Афросиёб, Шаҳрисабз, Ойбек, Бобур интихоб шуданд. Дар ин ҷо шинондани ниҳолҳои дарахти ороишӣ аз қабили каштан, сирен, шумтол, лола, чинор ва линден пешбинӣ шудааст. Дарахтон бо усули репикаж барои таъмини решаҳои қавӣ ва нашъунамои рости танаи дарахт шинонда мешаванд.

Сарвари давлат дар баробари дарахтони ороишӣ ва шинондани дарахтони мевадиҳандаро аз қабили анҷиру анор ва хурмо, инчунин бунёди соябонҳои растаниҳои кухнавардиро дар кўчаҳо қайд намуд.

**ЎзА.**

# ДАР КИШВАРЕ, КИ ҚАДР ВА ШАЪНУ ШАРАФИ ЗАН ГИРОМӢ ДОШТА МЕШАВАД, ҲАМЕША СУЛҲУ АМОНӢ ҲУКМ МЕРОНАД

## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РЎЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Барои он ки заҳмати пуршарафи олимаҳои меҳнатдўст аз ҳар нигоҳ рағбатнок гардад, барояшон шароити мусоид фароҳам оварда шавад, ба “Ҷамъияти бонувони олима” ҳар сол 50 миллиард сўм ҷудо карда мешавад. Дар маҷмўъ, барои ҳамаи мақсадҳои дар боло зикршуда барои соли равон ва соли оянда 1,8 триллион сўм маблағ ҷудо карда мешавад.

Иштирокчиёни мухтарами ҷамъомад!

Хабар доред, ки ба наздикӣ дар ҷамъомади баргузоргардида ҷиҳати пуштибонӣ аз занону духтарон масъалаҳои муҳими дар назди мо гузошташуда ба таври густарда баррасӣ гардид. Бар асоси он фармон ва қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Барои таъмини иҷрои мунтазам ва босамари ин вазифаҳо мақоми ҷонишини Сарвазир аз нав барқарор гардид ва Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон ташкил карда шуд.

Дар кишвар ҳудуди 9,5 ҳазор муовинони раисон дар умури занон ва оилаҳои маҳаллаҳо низ ба сохтори кумита гузаштанд. Дар ҳар маҳалла вазифаи занони фаъол аз нав ҷорӣ карда шуд.

Ба ин тартиб, сохторе таъсис ёфт, ки ба муаммоҳо ва дарду ташвишҳои хоҳарони мо сару кор хоҳад дошт.

Акнун дар кишварамон равишҳои ҳифзи иҷтимоии занон куллан аз нав дида мешавад. Ба таври мисол, барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ба занони эҳтиёҷманд, барқарор намудани саломатии занон ва ҳифзи онҳо, ба вижа, мусоидат дар рушди касбии занони деҳот, ба кор банд шудани онҳо, ба соҳибкорӣ ҷалб гардидани занон чорабиниҳои муҳим андешида мешаванд.

Дар мамлакатамон ба мақсади афзун намудани теъдоди занҳое, ки дар соҳаи соҳибкорӣ шуғл меварзанд, барномаи “Занони соҳибкор” қабул гардида, барои рушди он 8 триллион сўм маблағ равона карда мешавад. Ҳамчунин, дар соли ҷорӣ 40 дарсади субсидияҳои ипотека ба занон ихтисос дода мешавад. Ин мусоидат хоҳад кард, ки 12 ҳазор занони ниёзманд ба манзил таъмин шаванд.

Барои иҷрои корҳои васеъмиқёси дар таърихи мамлакат беназир 15 триллион сўм маблағ ҷудо карда мешавад.

Фикр мекунам, агар мо бо шумо дар тамоми минтақаҳо ҷунбиши «Занони хирадманд»-ро ташкил кунем, ки тавони маърифати ҷомеа, бахусус ҷавононро дошта бошад ва бонувони обрўмандро дар атрофаш муттаҳид созад, ин ҳаракати наҷиб ба маънои томи худ ба садои ҷомеаи мо, виҷдони маҳалла табдил хоҳад ёфт.

Дар баробари ин, новобаста аз шакли мулкдорӣ, дар тамоми ҷамоаҳои меҳнатӣ барои ҳалли муаммоҳои занону духтарон “Шўроҳои занон” таъсис меёбанд.

Як матлабро алоҳида таъкид карданиам: масъалаи занону духтарон ва оила омилест, ки натанҳо имрўзи мо, балкиояндаи моро низ муайян мекунад.

**Агар ба занон, ки фариштагони хонадонамон, рамзи некиву садоқат ҳастанд, як амали нек кунем, ҷои шубҳе нест, ки ҳатман даҳ амали нек шуда бармегардад. Модаркалонҳои дуогўи мо, модарони муштипарамон ва хоҳарони азизи мо ба қадри ин ҳурмату эҳтиром мерасанд. Дар кишваре, ки қадри зан, шаъну шарафи ў гиромӣ дошта мешавад, бешубҳа ҳамеша сулҳу субот, оромиву ободӣ пойдор хоҳад буд.**

Иштирокчиёни мўҳтарами ин чорабинии идона!

Имрўзҳо мо аз он шодем, ки занон иштирокчиёни фаъоли равандҳои демократӣ, ислоҳотҳои оммавӣ ва ташаббускорони мамлакати мо мегарданд. Мо ба афзун намудани ҳиссаи хоҳарони донишманду фидокорамон дар низоми идоракунии ҷумҳурӣ, парламент ва шўроҳои маҳаллӣ, дар соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳи хос медиҳем. Аз ин баъд низ мустаҳкам намудани нақш ва обрўи онҳо дар ҳаёти ҷомеа дар маркази таваҷҷўҳи мо қарор хоҳад гирифт.

Бо иҷозати шумо аз фурсат истифода намуда, аз номи худ ба ҳамаи шумо ва дар мисоли шумо ба занони ҷонфидо, духтарони фаъоламон, ки барои ривоҷи Ватан-Модар меҳнат мекунанд, миннатдории самимӣ изҳор мекунам.

Дар баробари ин, ба хонумҳои дипломати давлатҳои хориҷӣ, вакилони созмонҳои байналмилалӣ, ки дар ин давраи пурфайзи мо ширкат доранд, идашонро муборакбод мегўям. Ба шумо барои ҳиссаатон дар ривоҷи муносибатҳои манфиатнок ва васеъмиқёс алоҳида ташаккур баён мекунам.

Хусусан, барои иштироки бевосита дар ин ҷашнвора ба намояндаи хоси Дабири кулли СММ оид ба масъалаҳои Осиёи Марказӣ муҳтарама Наталия Герман хонум сипосгузории хос арз медорам. Ин меҳмони худро бо иди имрўза самимона муборакбод намуда, дар корҳои масъулиятнокашон ҷиҳати мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳамсоядорӣ ва ҳамкории бисёрҷониба муваффақиятҳои бепоён мехоҳам.

Модарону хоҳарони арҷманд!

Мо дар Ватанамон бунёди заминаи Ренессанси Сеюмро дар назди худ ҳадаф қарор додаем. Дар ин мақсади нек ва роҳи бошараф, пеш аз ҳама, ба арзишҳои муқаддасоти оила ва рўҳияи маънавии модаронамон такя мекунем. Барои ҳамин ба шумо муроҷиат намуда гуфтаниам.

Мо барои ривоҷ додани мамлакатамон ба давраи нави таърихӣ қадам гузоштем.

**Дар қалби фарзандонамон ҷой кардани ҳадафҳои бузург ва ғояҳои наҷиб вазифаи пуршарафи тамоми модарони Ўзбекистон аст.**

**Тарбия намудани насли ҷавони пурфазилат, далеру шуҷоъ ва ватандўст ба шумо вобаста мебошад. Ин бузургтарин сармоягузорӣ ва сарвати бепоёниояндаи дурахшон аст.**

Дар ин замина барои духтаронам низ яке фикри дар қалбам ниҳонро гуфтаниам.

Имрўз мо дар ҷомеаи озод ва кушод ба сар мебарем. Аз ин имконият дуруст истифода бурдан, ҳамқадами замон шудани мо, азхуд кардани илм ва касбу ҳунарҳои замонавӣ, тасарруфи дастовардҳои пешрафтаи тараққиёт, дар айни замон ба хешташиносӣ содиқ монданамон зарур аст. Бовар дорам, ки шумоён ба ана ҳамин гуна умед ва эътимоди бузурги халқу мамлакат муносиб хоҳед буд.

Ҳамватанони арҷманд!

Маълум аст, ки ҳар сол дар арафаи ин ҷашн ба духтарони боистеъдоди мо супурдани Мукофоти давлатии ба номи Зулфия анъанаи нек шудааст.

Имрўз аз дидани боз 28 нафар фарзандони зирак, ки ҳамчун пайравони арзандаи Зулфияхонум эътироф гардида, дар қатори ғолибон қарор доранд, диламро ифтихору шодии беандоза фаро мегирад. Духтаронамро, ки мисли шумо ба сўи мақсадҳои баланд саъю кўшиш мекунанд, самимона табрик гуфта, умедворам, ки бо меҳнати ибратбахш ва хислатҳои раҳбарии худ ба ҳамсолонатон намуна мешавед.

Мо ҳамзамон дар лаҳзаҳои пурфайз ба як гурўҳ занони худ, ки солҳои зиёд дар ҳаёти давлату ҷамъият фаъолона иштирок карда, бо меҳнати фидокоронаи худ дар соҳаи худ муваффақияту натиҷаҳои калон ба даст овардаанд, мукофотҳои баланди давлатӣ месупорем.

Ҳар яки шумо бо ҷидду ҷаҳд, тафаккур ва таҷрибаи худ барои ободии Ўзбекистони нави мо ва бахту саодати мардуми зодгоҳамон хизмати бебаҳо мегузоред.

Ҳар касе, ки сазовори таваҷҷуҳ ва муҳаббати бепоёни ватан шудааст, ҳақ дорад худро хушбахт ҳис кунад.

**Ба ин маънӣ, сазовор шудан ба мукофотҳои баланди давлатӣ, ин пеш аз ҳама, мавриди назари халқ қарор гирифтан ва сазовори дуоҳои вай шудан мебошад.**

Дар ин рўи хурсандӣ ба шумоён, модарону хоҳарони азиз ва духтарони меҳрубон супурдани ана ҳамин гуна мукофотҳо хурсандии том мебахшад.

Модарону хоҳарони муҳтарам!

Духтарони азизам!

Бори дигар ҳамаи шумоёнро бо ин баҳор ва иди назокат, зебоӣ ва латофат самимона табрик мегўям.

Ба шумо гаронбаҳотарин сарвати дунё – хушбахтии оилавӣ, сулҳу оромӣ, шодии дидани камолоти фарзандону наберагонро таманно дорам.

Бахти шумо баланд, умратон дароз, ҳаётатон фаровон бошад!

Бигзор, дили шумо ҳамеша мисли баҳор дурахшон бошад!

Ҳамеша саломат бошед!

***Фасли баҳорро “арўси сол” меноманд. Шукуфоӣ, сабзиш ва аз хоби гарони сармо бедор шудани табиатро ҳар як мавҷудоти рўйи замин бо як эҳсоси гуворо пешвоз мегирад. Бо фарорасии рўзҳои аввали ин фасли шукуфтанҳову сабзишҳо ва айёми гулрез иди модаронро ҷашн мегирем. Ҳар як қалби инсони ҳаётдўст аз ин шукуфтанҳо илҳом мегирад ва шоирона мегўяд: “зан-модар, зан-хоҳар, зан-духтар, зан-ҳамсар, зан-меҳр, муҳаббат, моҳу офтоб...***

# ҒОЛИБОНИ “АТИРГУЛ” МУАЙЯН ШУДАНД

Лоиқи ширинкалом фармудааст:

*Гар намебудӣ ту яктои дилам,*
*Кай чунин маҳбуби мардум мешудам.*
*Гар намебудӣ ту пайдои дилам,*
*Бе ту ман дар зиндагӣ гум мешудам.*
*Гар набошӣ хона дорад бўйи ғам,*
*Гар ту бошӣ хона дорад бўйи мушк.*
*Гар ту бошӣ хок гирам зар шавад,*
*Гар набошӣ, зар бигирам, хоки хушк...*

Дар толори Маркази матбуоти миллии пойтахт низ бахшида ба ин сана чорабинии идона баргузор гардид. Дар он адиба, шоира, журналистзанони собиқадор, намояндагони Иттиҳоди нависандагон, иттиҳоди журналистон, занону духтарони журналисти вилоятҳо ва блогерҳо иштирок карданд.

Чӣ хеле ки хабардор ҳастед, Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон бахшида ба рўзи байналхалқии занону духтарон – 8 март аз сари нав созмон ёфтани озмуни “Атиргул”-ро эълон карда буд. Дар чорабинӣ маросими сарфарозгардонии ғолибони озмун ба амал омад.

– Фасли баҳорро шабеҳи табиати зан медонем. Зан ҳаст, ки олам мунаввар, зан ҳаст, ки хонадони мо чароғон, фарзандонамон хушбахт. Дар кишваре, ки ба зан-модар арҷ мегузорад ва занону духтаронро гиромӣ медорад, хушбахтиву оромӣ, файзу баракот ва сулҳу салоҳ ҳукмрон аст. Дар самти машаққатноки журналистика занону духтарони мо кам нестанд. Онҳо дар қатори мардон босамарона фаъолият мебаранд. Баргузор намудани озмуни “Атиргул” миёни занону духтарони журналист, ки дар телевизион, радио, матбуот, хидмати ахбор меҳнат мекунанд, ин як эътибор, ҳурмат ва эҳтиром ба онҳо аз ҷониби ҳукумат мебошад, – гуфт дар баромади худ сармуҳаррири рўзномаи “Халқ сўзи”, шоир Ўткир Раҳмат.

Қайд гардид, ки солҳои охир ғамхории ҳукуматамон ба занону духтарон беш аз пеш меафзояд. Роҳбари давлат қариб дар ҳамаи маърўзаҳои худ таъкид менамояд, ки занону духтаронро ба корҳои роҳбарӣ, соҳибкорӣ, хонакорӣ бештар бояд ҷалб намоем. Саводнокӣ ва дониши онҳоро мувофиқи талаби замон, ба рушди Ўзбекистони Нав муносиб баланд бардорем. Бо ташаббуси роҳбари давлат доир ба ҳифзи занону духтарон, саломатӣ, тарбияи кўдак, таҳсил, бо кор фаро гирифтани онҳо як қатор имтиёзҳо дода шуданд. Аз модари солим кўдаки солим ба дунё меояд. Оилаи солим –ояндаи мамлакат аст.

– Имрўз 60-70 фоизи соҳаи журналистикаро занону духтарон ташкил медиҳанд. Дар мақолаю лавҳа, очерку суҳбат, барномаҳои телевизионию радиоии онҳо на танҳо маҳорати касбӣ, балки назокат, латофат ва зебоии онҳо низ намоён мегардад, – гуфт раиси шўрои журналистзанону духтарони назди Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон Фирўза Одилова. – “Атиргул” ном гирифтани озмун, ки дар миқёси ҷумҳурӣ гузаронда мешавад, низ моҳияти ба худ хос дорад. Зеро атиргул рамзи зебоӣ ва нафосату назокат аст. Дар озмун 107 нафар журналистзанон бо беш аз 1500 корҳои эҷодии худ аз тамоми минтақаҳои мамлакат иштирок карданд. Фаъолтарини онҳо журналистзанони қароқалпоқистонӣ дониста шуданд.

Таъкид гардид, ки аз рўйи мавзўи “Мақолаи беҳтарин доир ба гиромидошти қадри инсон” зиёда аз 150-то кори эҷодӣ супурда шудааст. Дар самти “Беҳтарин материали илмӣ-тадқиқотӣ”, “Хабарнигори фаъол ва тезкор” низ фаъолаҳо зиёд буданд.

Маводҳои ба озмун ирсолшуда аз ҷониби журналистони ботаҷриба, шинохта ва экспертҳо омўхта шуданд ва ғолибон муайян гардиданд.

Дар поёни чорабинӣ ба ғолибони “Атиргул” мукофотҳо супурда шуданд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

# ЎЗБЕКИСТОН ТАЪСИСИ ДАФТАРИ ЗИДДИТЕРРОРИ СММ-РО ПЕШНИҲОД КАРД

***Давлатҳои Осиёи Марказӣ дастаҷамъона терроризм ва ифротгароиро бо тамоми зуҳуроташ ба таври қатъӣ маҳкум намуданд ва онро аз хатарҳои ҷиддитарин ба сулҳу амнияти соири кишварҳои минтақа ва ҷаҳон шумурданд. Ин матлаб дар конфронси сатҳи баланд баррасӣ гардид, ки бо қабули Қатънома (Резолютсия) ба охир расид.***

Ин конфронс таҳти унвони “Ҳамкории минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчўби Нақшаи амалиёти муштарак оид ба татбиқи Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ” баргузор гардид. Ба ҳайси муассисон Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон, Дафтари мубориза зидди терроризми СММ, Маркази минтақавии дипломатияи превентивии СММ барои Осиёи Марказӣ ва Созмони амният ва ҳамкории Аврупо муаррифӣ гардиданд.

Дар конфронс намояндагони баландпояи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, коршиносони марказҳои таҳлилии миллӣ ва хориҷи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, намояндагони кишварҳои донор, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амсоли он ширкат карданд.

Ин конфронс таҳти раёсати вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулазиз Комилов гузашт. Қабл аз ҳама паёми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба иштирокчиёни конфронс ироа гардид. Дар ин паём гуфта шудааст, ки имрўз ҳама шоҳиди афзоиши зиддиятҳо мебошанд. Дар муносибатҳои байналхалқӣ дараҷаи эътимод нисбати ҳамдигар ва ҳамкории байни мамлакатҳо коҳиш дидааст. Дар баробари ин дар минтақаҳои гуногуни дунё ташаннуҷи авзоъ боқӣ мондааст ва задухўрдҳои мусаллаҳона давом доранд. Гузашта аз ин, пандемия ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти иқтисодӣ таъсири манфӣ ба бор овардааст.

Тавре ки дар паёми сарвари давлат боз қайд шудааст, Ўзбекистон аз Идораи мубориза бо терроризми СММ даъват менамояд, ки талошҳоро барои татбиқи Барномае, ки соли 2020 оид ба киберамният ва технологияҳои нав дар Осиёи Марказӣ қабул шудааст, боз ҳам пурзўр намояд. Инчунин, дар доираи Барномаи мазкур таъсиси Шабакаи ягонаи электронӣ оид ба кибертерроризм низ дар Осиёи Марказӣ хеле муҳим мебошад.

Президенти мамлакат аз тариқи паёми худ пешниҳод намудааст, ки дар Осиёи Марказӣ Дафтари зиддитеррористии СММ ифтитоҳ ёбад. Ин масъала низ дар байни иштирокчиёни конфронс мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дабири кулли СММ Антониу Гутерриш гуфт, ки ин конфронс муттаҳид кардани саъю талошҳо барои мубориза бо терроризм ва аҳамияти арзишҳои муштараке чун сулҳ, ҳуқуқи башар ва пешрафти умумибашариро хотиррасон мекунад.

— Вақте, ки мардум ин арзишҳоро дар ҳаёти ҳаррўзаи худ набинанд, порокандагӣ ва ифротгароӣ бештар мешавад, — Гутерриш.

Вай дар пайи суханронӣ ба талошҳои бардавоми кишварҳои Осиёи Марказӣ баҳои баланд дод, ки даҳ сол қабл Нақшаи амалиёти муштарак оид ба татбиқи Стратегияи глобалӣ дар Осиёи Марказиро қабул карда, онро тадриҷан амалӣ мекунанд.

Гуфта шуд, ки камбағалӣ, хушунат ва ноамнӣ замина барои афзоиш ва густариши терроризмро фароҳам меоварад. Яке аз чунин мисолҳои фоҷиавӣ сар задани бўҳрони башардўстона дар Афғонистони имрўза мебошад.

Тавре, ки Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид боз тазаккур дод, барномаи нави ў барои сулҳ тасдиқи он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сурати мавҷуд набудани амалҳои мушаххас оид ба рушд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон наметавонад чолишҳои терроризм ва амниятро барои ҳама баррасӣ намояд. Ба таъкиди Антониу Гутерриш башарият ба ҷомеаҳое ниёз дорад, ки ба эътимоди мутақобила, умед ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон асос ёфтааст, на ба тарсу ҳарос, нобоварӣ ва даҳшат, ки ҳамеша боиси нигарониҳост.

Муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид – сардори Раёсати мубориза бо терроризм Владимир Воронков, фиристодаи хоси Дабири кулли СММ дар умури Осиёи Марказӣ Наталя Герман, дипломати белорус Елена Купчина, намояндаи доимии Ҳиндустон дар СММ Т.Тирумурти, вазирони корҳои хориҷии Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва инчунин, намояндагони Русия, Чин доир ба муборизаи муштарак бо терроризми байналмилалӣ ва ифротгароӣ ибрози назар карданд.

Аз ҷумла, вазири хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддини Мўҳриддин гуфт, ки мебояд сохтори низомии терроризми байналмилалӣ куллан аз байн бурда шавад ва он аз таъмини сиёсӣ, низомӣ ва молӣ маҳрум гардад. Ба гуфтаи мавсуф барои ифротгароӣ, истихдом ва тарғиби хушунат ва пиёда кардани мақсаду маром гурўҳҳои террористӣ ва ифротгаро аз шабакаҳои интернетӣ низ ба таври фаровон истифода мекунанд, ки бояд дар ин мавридд низ чораҷўйи қатъӣ пиёда намуд.

— Барқарории амну субот дар минтақа аз бисёр ҷиҳат ба вазъияти Афғонистон бастагӣ дорад. Вале ҳукмронии вазъияти низомӣ-сиёсӣ дар Афғонистон метавонад ба пахши терроризм ва шабакаҳои ҷинояткорӣ дар минтақа мусоидат кунад. Хусусан, шимоли ин кишвар аз фаъолшавии гурўҳҳои террористӣ, ки аз Ховари Миёна ба ин ҷо интиқол ёфтаанд, афзоиши маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа наметавонад ташвишовар набошад, — гуфт Сироҷиддини Мўҳриддин.

Баъд аз он, ки иштирокчиёни конфронс терроризмро дар ҳама шакл ва зуҳуроташ маҳкум намуданд, Қатънома қабул карда шуд.

Қатъномаро намояндагони панҷ кишвари Осиёи Марказӣ имзо карданд ва ба мувофиқа расиданд, ки талошҳоро барои пешбурди таҳаммулпазирии касбӣ, байни миллатҳо ва фарҳангҳо, гуфтугўҳо, инчунин пешгирии табъиз бар асоси нажодӣ, этникӣ, ҷинсият ва динӣ идома медиҳанд. «Терроризм иллатест, ки бо ягон дин, миллат ва ё гурўҳи этникӣ робита надорад ва робита низ дошта наметавонад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

## ХАБАРҲО

### Қишри камтаъмин – иштирокдори лоиҳаи байналхалқӣ

**Аз ҷониби Ҳаракати умумимиллии «Юксалиш» ва Маркази «Тараққиёт» таҳти кумаки молиявии Иттиҳоди Аврупо дар ҳудудҳои дурдасти Ўзбекистон лоиҳаи «Ба амал баровардани иштироки аҳолии эҳтиёҷманд дар қабул кардани қарорҳо дар шароити пандемия» татбиқ меёбад.**

Дар доираи он нуқтаҳои тиббии деҳот ва поликлиникаҳои оилавӣ, ки дар ҳудудҳои дурдасти вилоятҳои Самарқанд, Қашқадарё ва Андиҷон воқеъанд, бо ҷиҳозои тиббӣ ва маҷмўи дорувор алайҳи COVID-19 таъмин карда мешаванд.

Иттиҳоди Аврупо таҳти ҳамдастӣ бо созмонҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ дар Ўзбекистон оиди кам кардани таъсири пандемияи COVID-19 барномаеро ба кор андохтааст, ки арзиши молиявии он 1 миллион евро мебошад. Дар доираи лоиҳаи ин Барнома нафақат институтҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ, ҳамчунин қишри заифи аҳолӣ иштирок менамоянд.

Дар доираи лоиҳа ба муассисаҳои тиббии ноҳияҳои Пахтачӣ, Қўшработ, Қаршӣ, Чироқчӣ, Ҷалақудуқ ва шаҳри Хонобод дар 35 навъ маводи зарурии тиббӣ, аз ҷумла, консентратори кислород, пулсоксметр, термометри рақамнок, электрокардиограф, тарозуи электронӣ, бикси тиббӣ ва ҳоказо тақдим ва ба вилояти Самарақанд 91,6 миллион сўмина, ба вилояти Қашқадарё – 88,6, ба вилояти Андиҷон 100,3 миллион сўмина кумаки таъминоти тиббӣ ба амал баровардa шуд.

### Мўъҷиза дар ҷарроҳии қалб

**Истифодаи замонавитарин таҷҳизот дар амалиётҳои тиббӣ ва болоравии дараҷаи касбии шифокорони соҳибтаҷрибаамон ба татбиқи ислоҳоти кулл дар ҳифзи тандурустӣ мусоидат менамояд. Хусусан, фаъолияти табибони мо дар кардиоҷарроҳӣ, ки ҷараёни мураккаб ҳисоб меёбад, қобили таваҷҷўҳ.**

Дар яке аз муассисаҳои тиббии Тошканд ҷарроҳии дили бемори 66-сола, ки дер боз азият мекашид, 12 соат давом намуд ва бомуваффақият анҷом ёфт. Ҷарроҳ доктори илмҳои тиб Рустам Ёрибеков мебошад, ки таълими ординатура дар муассисаи илмӣ-тадқиқотии тиббии ба номи Бакулов (шаҳри Маскав) гирифта, ҳоло дар мамлакати худ ба дарди садҳо беморон, ки сактаи қалб аз сар мегузаронданд, шифо бахшидааст. Вале ҷарроҳие, ки якҷо бо бригадаи кардиологӣ ин бор гузаронд, воқеан ҳодисаи нодир дар таърихи тиббиёти мо мебошад. Аъзои бадани бемор дар 16 дараҷа хунукӣ нигоҳ дошта шуд ва тўли 112 дақиқа ҳаракати гарми хун дар рагҳо бозистод. Ин имкон дод ҷарроҳии воқеан мураккаб бомуваффақият анҷом дода шавад.

Ҳоло бемор худро хуб ҳис мекунад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Фикри депутат*

# ШАЪНИ ОИЛА, ВИҶДОНИ МАҲАЛЛА, РАМЗИ КИШВАР

***Дар мамлакати мо барои таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, ба таҳкими ҳамаҷонибаи институти оила ислоҳоти пай дар пай давом дорад. Нақши занон дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсии мамлакат меафзояд.***

Тибқи маълумотҳо ҳоло 32 фоизи депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, наздик 25 фоизи аъзои Сенат ва депутатҳои Шўрои маҳаллии депутатҳои халқӣ, Ҷуқорғи Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистонро занону духтарон ташкил мекунанд. Ҳамин тариқ, аввалин бор дар таърихи Ўзбекистон шумораи занон дар парлумони миллӣ ба сатҳи муқаррарнамудаи СММ расид. Парламенти мамлакати мо аз ҷиҳати шумораи занон дар байни 190 парламенти миллии ҷаҳон ба ҷойи 37-ум баромад.

Албатта, дар паси ин рақамҳо ҷараёни меҳнати зиёд, масъулият барои кори худ, ҷустуҷўйи доимӣ дар болои худ, пай дар пай такмил додани малака ва маҳорат меистад. Такмили низоми кор бо занон, ба зинаи нав баровардани онҳо, ки дар камолот маҳдудият нест, яке аз самтҳои афзалиятноки имрўзаи Стратегияи рушд мебошад.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки 1 март таҳти раёсати Президент бахшида ба масъалаҳои дастгирии бонувон ва таҳкими минбаъдаи мавқеи онҳо дар ҷомеа баргузор гардид, ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, вазифаҳои муҳим муайян гардиданд.

Мавриди зикр аст, ки қариб ба 900 ҳазор нафар занони соли 2020 ба «Дафтари занон» дохил шуда, ки бо мақсади додани кумаки иҷтимоиву иқтисодӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ ва расонидани кумаки мақсаднок ва мунтазам ба занони эҳтиёҷманд ташкил шудааст, ёрии амалӣ дода шуд.

Фонди мақсадноки дастгирии занон барои дастгирии ҳамаҷонибаи намояндагони ҷинси латифи аҳолӣ аз нав ташкил карда шуд. Ҳар сол аз буҷет то 300 миллиард сўм ва имтиёзҳои мухталиф ба Фонд, барои амалӣ намудани корҳои нек ҷудо шудани онҳо мисоли равшан аст, ки дар Ўзбекистон эҳтиром ба занон, баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Дар ҷамъомад таъкид карда шуд, ки дар айни ҳол дар «Дафтари занон» беш аз 630 ҳазор нафар занон қайд гардида, 200 ҳазор нафарашон бекор буда, нақш ва таъсири фаъолони маҳаллаҳо, ҷамъият ва насли куҳансол дар ҳалли ин мушкилот эҳсос намегардад.

Барои дар ин соҳа корҳоро ба роҳ мондан дар басти маҳаллаҳо кумитаи давлатӣ оид ба корҳои оила ва занон таъсис ёфт. Ҳоло кумита Фонди дастгирии занон ва Фонди «Дафтари занон»-ро идора мекунад. Вазифаҳои муовинони раиси 9309 маҳаллаи мамлакат оид ба масъалаҳои занон ва оила низ ба низоми кумита гузаронида шуд. Муҳим он аст, ки дар ҳар маҳалла вазифаи фаъоли занон аз нав ҷорӣ карда мешавад.

Умуман дар ҷомеа, дар оила, дар муҳити иҷтимоие, ки зан ҳаст, сулҳу оромӣ, меҳрубонӣ, тартибот, сабру таҳаммул, меҳру оқибат ҳукмфармост. Ба ибораи Сарвари давлат, зиндагии ободи имрўз ваояндаи дурахшони мо аз занон вобаста аст.

**Гулрух АЪЗАМОВА,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

# ЗАН – ФАРИШТАИ ХОНАВОДА, РАМЗИ МУҲАББАТ ВА САДОҚАТИ БЕПОЁН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар Маркази байналмилалии конгресс бахшида ба Рӯзи байналмилалии занон – 8 март чорабинии идона баргузор гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бонувонро самимона муборакбод намуда, ба онҳо эҳтироми амиқ изҳор кард.

– Халқи мо аз қадимулайём симои муқаддаси Модар, занро ҳамчун офаридаи беҳамтои Худованди мутаол гиромӣ дошта, ӯро бо меҳру ғамхорӣ иҳота мекунад, – гуфт сарвари давлат.



Чӣ хеле ки маълум аст, ченаки инсондӯстӣ ва адолати ҳар як ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама дар муносибат ва таваҷҷуҳ ба зан зоҳир мегардад. Барои ноил шудан ба чунин мақсади олӣ, ба мисли таъмин кардани ҳаёти осоиштаю фаровони халқи мо ба ҳифзи ҳуқуқи қонунӣ ва манфиатҳои бонувон эътибори хоса дода мешавад. Шароити меҳнат, таълимгирӣ, таҳкими сиҳатӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии оилаи онҳо беҳтар мегардад.

Ин кор яке аз самтҳои муҳими Стратегияи рушд мебошад. Дар ҷамъомади видеоселектории 1 март барои занон имкониятҳои боз ҳам бештар муайян шуданд. Ба мақсади таъмини татбиқи низомнок ва самарабахши ин вазифаҳо мақоми дахлдори муовини Сарвазир аз нав ташкил карда шуда, Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои оила ва бонувон созмон дода шуд.

Ба сохтори кумита ҳамчунин муовинони раисон оид ба масъалаҳои занон ва оилаи қариб 9,5 ҳазор маҳаллаҳо, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият нишон медиҳанд, шомил гардида, дар ҳар як маҳалла вазифаи шахси масъули ҳалли масъалаҳои занон барқарор карда мешавад. Ҳамин тариқ, низоми одилона ва самарабахш ташаккул меёбад, ки бо мушкилоти занон ва нигарониҳои рӯзмарраи онҳо ба таври доимӣ сару кор дорад.

Барномаи миллӣ оид ба дастгирии таълими занон, ки барои солҳои 2022-2026 пешбинӣ шудааст, қабул карда хоҳад шуд.

Бо ташаббуси Президент ҷунбиши «Бонувони оқила» таъсис дода мешавад, ки дар сафҳои худ бонувони бонуфуз ва обрӯмандро муттаҳид менамояд, ки онҳо метавонанд ба ташаккули шуури ҷамъиятӣ, тарбияи авлоди ҷавон таъсир расонанд. Дар баробари ин барои ҳалли самарабахши мушкилоти бонувон дар тамоми ҷамоаҳои меҳнатӣ шӯроҳои бонувон ташкил карда мешаванд.

Ба мақсади минбаъд зиёд гардондани шумораи заноне, ки дар соҳаи соҳибкорӣ кор мекунанд, барномаи «Бонувон дар соҳаи тиҷорат» қабул карда шуда, дар доираи он ба миқдори 8 триллион сӯм маблағ ҷудо карда мешавад.

Ҳамчунин, соли ҷорӣ барои қарзи ипотекӣ субсиди 40 фоиза хоҳанд гирифт. Ин имкон медиҳад, ки ба занони эҳтиёҷманд 12 ҳазор хонаҳои замонавӣ дода шавад.

Барои амалӣ гардондани ин кори бузурги дар мамлакатамон мислаш диданашуда ба миқдори 15 триллион сӯм маблағ равона карда мешавад.

– Ҳалли масъалаҳои занон ва оила вазифаи асосиест, ки натанҳо имрӯз, балки фардои моро муайян мекунад. Ҳар як кори хайри баҳри дастгирии бонувонамон, фариштаҳои хонадонамон, рамзи муҳаббат ва садоқати бепоён анҷом додашуда фардо, бешубҳа даҳ баробар бармегардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент ба тамоми занони ҷумҳурӣ муроҷиат карда, онҳоро даъват намуд, ки дар дигаргунсозиҳои азим фаъолона иштирок кунанд:

– Имрӯз мо ба давраи нави таърихии рушди ҳамаҷонибаи кишварамон ворид шудем. Ба қалби фарзандонамон ҷойгир кардани мақсадҳои бузург, ғояҳои олиҷаноб вазифаи асосии тамоми модарони Ӯзбекистон мебошад.

Бешубҳа, тарбияи насли ҷавони дорои сифатҳои баланди инсонӣ, далеру шуҷоъ, ба Ватан содиқ, пеш аз ҳама ба шумо вобаста аст. Ин муҳимтарин сармоя барои оянда, сарвати бузургтарини мост.

Мувофиқи фармон ва қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 5 марти соли равон як гурӯҳ занон бо унвонҳои фахрӣ, ордену медалҳо, 28 нафар духтарон бо Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия сарфароз гардонда шуданд.

Дар чорабинии идона ботантана супурдани ин мукофотҳо сурат гирифт.

– Бори дигар аз самими қалб ҳамаро бо иди баҳор, зебоӣ ва нафосат муборакбод мегӯям. Ба ҳамаи шумо тамоми хушбахтии дунё, дидани хушбахтии фарзандон ва наберагонатонро орзумандам. Бароятон саломатӣ, бахту саодат ва беҳбудӣ мехоҳам, – гуфт Президент.

Бонувони дар чорабинӣ иштирокдошта, ки дар соҳаҳои мухталифи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва вилоятҳо кор мекунанд, кормандони вазорату идораҳои гуногун ҷашнро дар атрофи дасторхони пурсаховат таҷлил намуданд. Дар чорабинӣ инчунин занони дипломатҳо, ки аз давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунанд, иштирок доштанд.

Чорабинии идона бо консерти рангин идома ёфт.

**ЎзА.**
**Суратгир: А. АБДУЛЛОЕВ (ЎзА).**

# ТАҶЛИЛИ ИДИ БОНУВОН ДАР БУХОРО

***Дар меҳмонхонаи «Саҳид Зарафшон»-и шаҳри Бухоро ба муносибати Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон – 8 Март тадбир ба амал омад. Дар он бонувони фаъол ва пешқадами соҳаҳои гуногуни ҳаёти вилоят ва намояндагони ҷомеаи вилоят иштирок карданд. Ҷонишини ҳокими вилоят Ботир Шаҳриёров ҷамъомадагон ва дар тимсоли онҳо тамоми занон ва духтарони вилоятро бо Иди фархундаашон муборакбод намуд.***

– Имрӯз бобати бунёди Ӯзбекистони Нав, ривоҷу равнақёбии ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат саҳми занону духтарони вилояти мо низ арзанда аст, – гуфт вай. Солҳои охир давлат баҳри афзунтар гардондани фаъолнокии иҷтимоию сиёсии бонувон, дастгирӣ кардани соҳибкорӣ, донишу малака ҳосил карда соҳиби касбу кор шудани онҳо, ҳифзи саломатӣ ва соҳиби манзил гаштани эшон беш аз пеш ғамхорӣ зоҳир мекунад. Дар ин бора дар вилоятамон низ корҳои назаррас ба сомон мерасанд. Имрӯз байни бонувони вилоят 1 нафар сенатор, 3 нафар депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, 19 нафар намояндаи халқи Шӯрои вилоят, 88 нафар депутатҳои шӯроҳои шаҳру ноҳияҳо, бештар аз 200 нафар роҳбарони тоифаҳои гуногун ҳастанд.

Дар чорабинӣ ба 15 нафар бонувони пешқадам нишони сарисинагии «Мӯътабар аёл», ба гурӯҳе аз онҳо ифтихорномаҳои Вазорати дастгирии маҳаллаю оила, ҳокимияти вилоят ва туҳфаҳо супорида шуданд. Сипас дар ресторани «GARTEN» барномаи консертии устодони санъат ва сароядагони ҷавони вилоят ба амал омад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**



**Ба муносибати чорсолагии ташрифи таърихии Президенти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон**

# ВАҲДАТИ ХАЛҚҲО ДАР МАСИРИ СИЁСАТИ ДАРҲОИ КУШОД

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолияти худ сиёсати хориҷии «дарҳои кушод»-ро бо мақсади ҳалли на кам аз шаш масъалаи мушаххаси иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ пеша намудааст:

Якум, муаррифӣ намудани ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили фаъоли муносибатҳои нави байналхалқӣ дорои захираҳои бойи табиӣ ва мавқеи қулаи стратегӣ.

Дуюм, бо мақсади пайдо намудани маблағгузории хориҷӣ, барои барқарор намудани хоҷагии халқ, дар madди аввал корхонаҳои саноатии аз кор мондаи собиқ давлати шӯравӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, таъмин намудани мардум бо маҳсулоти ниёзи аввал.

Сеюм, ҳарчи зиёд истеҳсол намудани қувваи барқ барои таъмини аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳои истеҳсолӣ, аз он ҷумла соҳаҳои нави истеҳсолот.

Чорум, об ҳамчун асоси ҳаёт, боигарии асосии табиии Тоҷикистон, воситаи дипломатия ва ба ҳам пайвастани манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, ба мардуми эҳтиёҷманди минтақа ва ҷаҳон дастрас намудани оби тозаи ошомиданӣ.

Панҷум, пайдо намудани шарики стратегии эътимоднок барои мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавӣ ва бехатарии марзу буми ҷумҳурӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ.

Шашум, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ ва мушкилоти сайёра аз он ҷумла «Наҷоти Арал» ва таъсири манфиатҳои экологии он ба минтақаи Осиёи Миёна ва иқлими Тоҷикистон, истифодаи сарфакоронаи обҳои Амударё ва Сирдарё.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 22 октябри соли 1992 барқарор гардидааст. Аз соли 1995 дар шаҳри Тошканд сафорати Тоҷикистон фаъолият мекунад. Тоҷикистон дурнамои рушди иқтисодӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва инчунин муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи халқҳои ду кишварро ба инобат гирифта, ба рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ӯзбекистон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Дар ҳолати имрӯза асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро беш аз 110 созишнома ва аҳднома ташкил медиҳанд, ки аз соли 1992 то имрӯз дар сатҳҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ ба имзо расидаанд.

Санадҳое, ки миёни ду кишвар қабул шудаанд, самтҳои муҳими ҳамкориҳоро дар бар гирифта, барои рушду тавсеаи минбаъдаи робитаҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва ғайра заминаи мустаҳками ҳуқуқиро ба вуҷуд овардаанд.

Санадҳои асосие, ки дар сатҳи роҳбарони ду кишвар ба имзо расидаанд, самтҳои муҳимтарини муносибатҳои тарафайнро муайян месозанд.

Вохӯриҳои дуҷониба, ки пайваста дар сатҳи олӣ ба вуқӯъ мепайвандад, ҷиҳати густариш ва таҳкими муносибатҳои дуҷониба мусоидат менамоянд.

Таҳлили табодули савдои дуҷониба нишон медиҳад, ки ду кишвари ҳамсоя барои ҳамкории муфид иқтидори кофии дорои имкониятҳои фарохи истифоданашуда мебошанд.

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дорои фазои бузурги фарҳангӣ-гуманитарӣ, сарҳади умумӣ ва робитаҳои инкишофёфта буда, метавонанд рафтуомади озоди аҳолӣ ва маҳсулоту хизматрасониҳоро фароҳам оранд, барои инкишофи таъсирбахши соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҳарду давлат мусоидат намоянд ва иқтидори транзитии якдигарро барои баромадан ба дигар бозорҳо истифода баранд.

Таърих, сарватҳои умумии фарҳангиву маънавӣ, инчунин анъанаҳои чандинасраи эҳтироми якдигар ва ҳамсоягӣ принсипҳои асосии муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро таҳкурсии мустаҳкам гузоштанд. 9-10 марти соли 2018 нахустин сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар ҷараёни он тақрибан ҳамаи масъалаҳои ҳалталаби муносибатҳои дуҷониба ҳаллу фасл шуданд.

Ҷонибҳо тамоми масъалаҳои сарҳадиро бартараф намуданд, ба тавофуқ расиданд, ки низоми раводидро барои сафарҳои мутақобилаи шаҳрвандони ду кишвар ба муддати то 30 рӯз бекор кунанд, фаъолияти комили гузаргоҳҳои сарҳадии давлатиро дар марзи байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барқарор намуданд, робитаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионии дуҷониба, аз ҷумла дар қитъаи роҳи оҳани Ғалаба – Амузангро барқарор сохтанд, масъалаҳои соҳаҳои амният ва мудофиа, ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ, инчунин истифодаи муштараки захираҳои обӣ-энергетикӣ ва таҳкими робитаҳои байнимитақавиро ҳал намуданд. 17-18 августи соли 2018 сафари давлатии ҷавобии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон баргузор гардид ва он тавофуқоти қаблан ҳосилшударо устувортар намуд.

Дар рафти сафари мазкур Созишномаи шарокати роҳбурдӣ ба имзо расид, ки он дурнамои муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ба сатҳи сифатан нави ҳамкорӣ баровард. Дар чаҳорчӯби ду сафари таърихӣ ҳамагӣ 53 санади дуҷониба ба имзо расид. Ҳамзамон сафари расмии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон, ки 10-11 июни соли 2021 сурат гирифт, барои таҳкими муносибатҳои ҳамаҷониба ва шарикии стратегии байни ду давлат аҳамияти хоса дорад.

Дар ҳошияи ин сафар сарони давлатҳо дар рӯҳияи анъанавии ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва ошкорбаёнӣ гуфтушунидҳои муфассал анҷом дода, вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро муҳокима карданд ва оид ба масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мубодилаи афкор намуданд. Дар маҷмӯъ дар ҷараёни сафари расмӣ 36 санад ба имзо расонида шуд. Айни замон заминаи қарордодиву ҳу-қуқии ду кишвар беш 200 созишнома ва шартномаро дар бар мегирад, ки дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ имзо шудаанд.

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар арсаи байналмилалӣ – СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, СҲИ ва МҲТБО ҳамкории муваффақ доранд ва мавқеъҳои худро мунтазам ҳамоҳанг менамоянд. Умуман, ҷараёни рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки ҷонибҳо аз таъмиқи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва гуманитарӣ ва таҳкими робитаҳои сиёсии байни ду давлат манфиатдоранд.

Тоҷикистон омода аст минбаъд низ муносибатҳои дуҷонибаро бо Ӯзбекистон дар рӯҳияи эътимоди мутақобил, бародарӣ ва шарокати роҳбурдӣ таҳким бахшад. Ба қавли устод Турсунзода:

*Дӯстиро ҷустуҷӯ*
*дорем мо,*
*Аз амонӣ гуфтугӯ*
*дорем мо...*

**Акмал ИБОДУЛЛОЕВ,**
**устоди кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.**

*Дар нигористон*

# ДАР АКС – ЗАН ВА МАНЗАРАҲОИ НОТАКРОРИ БАҲОР

**Дар арафаи ҷашни байналхалқии занону духтарон–8 Март дар Хонаи фотосуратҳои пойтахт дари ду намоишгоҳ боз гардид.**

Дар толори якум суратҳои аксбардорони варзида ва ҷавон — аъзои фотошуъбаи Иттиҳодияи эҷодкорони бадеии Ӯзбексистон ба маъраз гузошта шуд.

Беш аз 80 асари баргузида аз намоиш ҷой гирифтааст. Мавзӯи аксҳо гуногун буда, дар аксарияти онҳо гул бо зан дар канори ҳам қарор доранд. Лаҳзаҳо ва манзараҳои нотакрори фасли гул дар дили бинанда ҳисси зебоипарастиро меангезанд.

Осору тасвирҳои гуногуне, ки дар онҳо чеҳраҳои зебову назаррабои занону духтарон ва духтаракони кӯчак тасвир ёфтаанд (В. Соколов. Н. Илина, Е. Володина) манзараҳои фусункори фасли гулафшон (Н. Деҳқонов, И. Шур, Е. Бриксина), натюртмортҳое, ки кайфияти баҳорӣ мебахшанд (С. Канаки, Н. Павленко), фотосуратҳое, ки ҳамоҳангии зану табиатро ифода менамоянд (М. Фадеичева, И. Лушевский) ба тамошобинон як олам таассурот бахшиданд.

***

**Дар доираи намоиши дигаре, ки таҳти мавзӯи «Занони Ӯзбекистон–нафосати дирӯз, рамзи оянда» ба муносибати Иди занону духтарон ба маъраз гузошта шудааст, суратҳои таърихӣ намоиш дода шуданд.**

Намоишгоҳро агентии «Ӯзархив», Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон, Бойгонии миллии асноди Кинофотофонои Ӯзбекистон ва Хонаи фотосуратҳои Тошканд созмон додаанд.

Қариб 160 сурат ва асноде, ки дар Бойгонии давлатӣ ва миллии Ӯзбекистон нигоҳдорӣ мешаванд, дар се бахш: кишвари Туркистон (солҳои 1860 - 1923), Ӯзбекистони қарни XX (солҳои 1924-1990) ва солҳои истиқлолияти Ӯзбекистон (1990-2021) ба маърази намоиш гузошта шуда буданд.

Мақсади асосии фотонамоишгоҳ дар мисоли суратҳои таърихӣ, ки рӯзгори мозиро дар хотираҳо зинда мекунанд, тарғиби пешравии занон дар ҷабҳаҳои гуногун мебошад.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**



# Эҳтиром ба бонувон

***Дар Бухоро ба муносибати Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон – 8 Март бо ҳамкории садоратҳои таълими халқ, дастгирии маҳалла ва оила, инчунин ташкилоти вилоятии иттифоқи касабаи кормандони таълим ва илм таҳти унвони «Мунавварии олам – аз пушти зан» шабнишинӣ баргузор гардид.***

Ба ин тадбир, ки дар доираи ҳафтаворӣи «Гиромидошти бонувон» моҳиятан ғояи эҳтироми бонувонро ҳамчун мизони некию адолат талқин месозад, устодон – бонувон – собиқадорони меҳнат – соҳибони унвони «Муаллими халқии Ӯзбекистон», онҳое, ки ба равнақи таълими халқи вилояти Бухоро саҳми арзанда гузоштаанд, таклиф гардиданд. Ин омӯзгорони сарбаланд дар давоми мулоқот дар бораи лаҳзаҳои ибратбахши зиндагӣ, заҳматҳои касбиашон, имкониятҳои бемисли имрӯз аз тарафи давлат фароҳамовардашуда ҳарф зада, ба наврасону ҷавонон маслиҳатҳо доданд.

Ба шабнишинӣ барномаҳои мусиқию бадеии иштироккунандагони маҳфили рақсу суруди мактаби бачагонаи вилоятии «Баркамол авлод» ҷозиба бахшид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Рангоранг*

# МАРО НАГӮ, ӮРО ГӮ!

Мегӯянд, ин зане, ки дар майдони меҳнат аз пешқадамон аст, бисёр хушбахт: пеши духтарҳои деҳаро келин кард, ки ҳуснаш як олам, ба ҳама самимӣ ва хушмуомила, дар кори хоҷагӣ мисли модаршӯяш бо ғайратмандӣ ба ҳама намуна.

Панҷ-шаш моҳ инҷониб писараш дар фронт. Чи дар хона ва чи дар кори душвори саҳро худро ба чаҳор сӯ зада, мисле набудани шавҳарашро номаълум менамояд ин арӯсаки ба дилу дидаҳо ҷо.

Шавҳараш бо меҳри падарона «духтарҷони худам!» мегӯяд навозишомез келинро. Келин, айни замон, «додоҷон» мегӯяд ӯро. Модаршӯяшро бошад, «модарҷон».

Хуб ба келин афтодӣ, мегӯянд занҳои деҳа Мастонбибиро, ки сухан ҳоло дар хусуси ӯст. Тавре ишора рафт, ба вай ҳама ҳавас мекунанд: келинчак, чашм нарасад, обод мекунад хонадонро!

Мастонбибӣ занест дилсоф, кушодчеҳра. Ба келин нарм муомила мекунад, духтар надоштам, ана, духтардор ҳам шудам, мегӯяд бо шукрона. Вале... ҳисси мағшуши ба рашк монанде, аз бозе арӯс фуровард, дар як кунҷи дилаш ҷо. Чунин мерасад, шавҳараш ба вай не, ба ҳамин келин бештар меҳр медиҳад. «Келин гирифту маро аз хотир баровард!» ҳам мегӯяд аламангез. Писараш-чӣ? Эҳ, писараш...

Хайр, майлаш. Бигузор ҷавонҳо як умр чун Тоҳиру Зуҳро зиндагӣ кунанд, бахтнок бошанд, қӯшапир шаванд.

Ҳамин тавр мегӯянд-куя, баъзан меҳри ба келин доштаи шавҳараш, муҳаббати оташини писараш нисбати завҷаи худ ноором месозад ин занро. Ҳарчанд рӯирост изҳор намекунад, нотавонбиниаш нисбати келин аз шавҳараш пинҳон нест.

«Чаро келинро нағз намебинӣ?» — боре пурсид соҳиби сараш.

Мастонбибӣ рӯ сӯи девор гардонд. Дилаш кӯрдуд мекард: «Ҳамин омаду...»

(Давомаш дар саҳ.4).

# ДУОИ МОДАР – КАЛИДИ МУВАФФАҚИЯТҲО

***На ҳар зан зан бувад, ҳар зода фарзанд,***
***На ҳар шохе диҳад бар, ҳар найе қанд.***

**Занҳо дар ҳамаи соҳа баробари мардон фидокорона меҳнат мекунанд. Бо вуҷуди дар кори ҷамъиятӣ фаъол будан онҳо дар оила низ модари меҳрубон, ҳамсари бовафо, кадбонуи хонадонанд. Чи тавре ки Лоиқ мегӯяд:**

***Нест ҷуз бори хас он бор, ки мардон бикашанд,***
***Ғами дунёи наву кӯҳна ҳама бори зан аст.***

**Магар барои вакилони ҷинси латиф кашидани ин қадар бори гарон вазнинӣ намекунад? Асрори фаъолии онҳо дар чист?**

**Дар арафаи Иди бонувон суҳбати мо бо ҷонишини мудири шуъбаи дастгирии маҳалла ва оила доир ба корҳои бонувон Зулфия РОФИЕВА дар ин мавзӯъ сурат гирифт.**

**– Зулфия Тӯхтамишевна, одатан мухлисон ба ҳаёти оилавии занҳои сиёсатмадор шавқ зоҳир менамоянд...**

– Ман аслан аз шаҳраки Челаки ноҳияи Пайариқ ҳастам. Дар оилаи зиёӣ ба дунё омадаам. Падарам Раҳимҷон Рофиев тадбиркор буданд. Модарам Зӯҳро Ҳусейнова депутати Шӯрои намояндагони халқи ноҳия, солҳои зиёд дар идораҳои ЗАГС ва деҳшӯро фаъолият доштанд. Модарам баробари кори ҷамъият кори рӯзгорро низ ба хубӣ анҷом медоданд. Ман дар оила фарзанди калонӣ будам ва ба корҳои модарам тақлид мекардаму ибрат мегирифтам. Оилаи моро ҳамчун оилаи намунавӣ эҳтиром менамоянд. Падару модарам ҳамаи ҳафт нафар фарзандашонро соҳиби маълумоти олӣ гардониданд. Модарам ҳамеша таъкид мекарданд, ки меҳнатдӯст бошем. Мо баробари илмомӯзӣ дар киштзор меҳнат мекардем. Аз замин ҳосил рӯёнида, барои ободии рӯзгор саҳм мегузоштем. Рӯзҳои душворро аз сар гузаронидаем. Ҳамеша ба пеш ҳаракат мекардем.

**– Барои духтари пайариқӣ, ки ба ноҳияи Самарқанд арӯс шудааст, ба муҳити бегона одат кардан душвор нашуд?**

– Не, баръакс. Маро атрофиён бо хушӣ қабул карданд. Соли 1982 ба факултети психологиву педагогии таълими томактабии Донишкадаи омӯзгории Самарқанд дохил шудам. Шавҳарам баробари таҳсил дар аспирантура дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд фаъолият доштанд. Соли 1986 ҳарду оила бунёд намудем. Шавҳарам барои давом додани таҳсил ба шаҳри Маскав роҳхат гирифтанд. Ман ҳам дар боғчаи бачагонаи рақами 84-уми шаҳри Маскав ҳамчун мураббия ба фаъолият пардохтам. Маро таъриф менамуданд, ки ягона кадри соҳиби маълумоти олӣ ҳастам. Баъди бозгашт ба ватан фаъолияти педагогиро дар мактаби миёнаи рақами 41-уми ноҳия давом додам. Нӯҳ сол омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаб будам. Барои саводомӯзии бисёр бачаҳо саҳм гузоштам.

**– Аксар равонакиҳо шуморо ҳамчун таъсисгари боғчаи бачагона медонанд, ин дуруст?**

– Он солҳоро ба хотир биёрам, вуҷудамро ҳаяҷон пахш мекунад. Соли 2006 филиалҳоро ба мактаби асосӣ табдил доданд. Филиали мактаби рақами 41-ро, ки сарвараш Раҳматулло Шарифзода буду бисёр корҳои ободониро ба сомон расонид, ба мактаби рақами 68 (ҳоло 43) табдил дода шуд. Дуртар аз мактаб биноҳои нообуди варзишгоҳу дигар ҳуҷраҳо бекор монд. Дар атроф боғчаи бачагона набуд. Бо Раҳматулло Шарифзода, якҷоя дар ба дари мардум гашта, мепурсидем, ки агар дар ҳамин ҷо боғчаи бачагона ташкил намоем, фарзандашонро мегузоранд? Аксар ба таклифи мо зид мебаромаданд, бархе розӣ мешуданд. Ҳамин тавр, розигии мардумро гирифта, боғчаи бачагона ташкил намудем. Дар муддати кӯтоҳ ин боғча ном баровард. Баъди оғози фаъолияти боғча аҳолии маҳаллаҳои атроф низ фарзандонашонро меоварданд.

**– Шумо пас аз фаъолияти 33-солаи педагогӣ ҷонишини ҳокими ноҳияи Самарқанд таъин гардидед...**

– Дуруст гуфтед. Ҳамон вақт ҳатто ба гӯшаи хаёл наоварда будам, ки дар ин вазифа кор мекунам. Ҳукумат ҳаёти оилавии моро ҳамаҷониба омӯхта, маро ба ин вазифа лоиқ донистааст. Шавҳарам Шариф Аминҷонович номзади фанҳои биология, дотсенти ДДС, собиқаи кории 42 сола доранд. Соҳиби чаҳор нафар фарзандем. Духтарам Раъно Аминҷонова шифокори бемориҳои онкологӣ. Ҳоло дар хориҷ баробари фаъолияти корӣ ин соҳаро мукаммал меомӯзад.

**– Ба фикри шумо калиди муваффақиятҳо дар чист?**

– Дуои модарон қулфкушои ҳамаи дарҳост. Пирон фариштагони хонадонанд. Дуои онҳо касро ба муроди дил мерасонад. Ҳар саҳар аввал аз модаршӯям Анвараонаи 90-сола дуо гирифта, ба идора меоям. Ҳарчанд тамоми рӯз ба қавле, ба сархорӣ дастам намерасад, асабҳоям таранг мешаванд, хаста намегардам. Ҳамин дуо моро солиму бедард нигоҳ медорад. Инчунин, дастгирии шавҳарам аст, ки камина пурра ба ин кор машғул ҳастам.

**– Барои бонувон беҳтарин тӯҳфа чист?**

– Некӣ намуда, дуо гирифтан мукофоти беҳтарин аст. Боз гул, сухани зебо...

**– Барои сӯҳбат ташаккур.**

Мусоҳиб **Дилрабо НАСИМӢ.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ЧАРОҒИ ХОНА – МОДАР

*Гар меҳр бибоядат, зи Модар ҷӯяш,*
*Гармию сахо зи шамси ховар ҷӯяш.*
*Дар рӯйи замин агар ҳақиқат ҷӯйӣ,*
*Ҳақбиниву ҳақгӯйӣ зи Модар ҷӯяш.*

Модар шахси мӯътабар, мӯнису мушфиқест, ки он ҳама ғамхориву меҳрубониҳояшро наметавон баён кард. Ин олиҳаи бузург тамоми ҳастӣ, ҳушу зеҳни хешро барои фарзанд адо мекунад. Модар як калимаест, ки аз ҳар як ҳарфаш як ҷаҳон маъно метавон пайдо намуд. Модар, яъне кӣ? Дуррест, нафаси осудаи фарзанд, насимест бар машоми ҷигарбанд, занҷираест, ки аъзои оиларо ба ҳам мепайвандад. Модар, яъне, офариниши зебоиву хурсандиву хушбахтиҳо. Чаро, ки ӯ ягона шахсест, ки мехоҳад дар олами ҳастии фарзанд хушиву хурсандиву бурдбориҳоро бо чашми муҳаббат ва серӣ бинад. Бе шубҳа, мо метавонем Модарро маликаи воқеии хонаамон ҳисобем. Аз ин рӯ мебояд Модарро чароғи хона, файзи дилу дида бишморем. Хонаи бемодар камингаҳи тангу торик аст. Хонаи бемодарро боз аз забони шоир мебинем.

*Хона бе Модар, дар он ҷо хира месӯзад чароғ,*
*Ёди модар мегузорад дар замини сина доғ.*

Мебояд Модарро навозишкору меҳрубон донист ва нисбаташ ғамхор буд. Албатта ин фариштамисоли хонадон дили бузурге дорад, ки ҳатто дунё бо ин қадар азимӣ пеши ӯ кӯчак аст. Чи тавре гуфтаанд ва мегӯянд: ,,Модар бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар дунёро такон медиҳад”. Шахсе, ки ба қадри Модар намерасад ё меҳри бузурги Модарашро эҳсос намекунад, бе ҳеҷ шакку шубҳа, хор мешавад. Ба ҳар як инсон амри воҷиб карда шудааст, ки аввало худ ва падару модарашро эҳтиром намояд. Ҷиҳати тақвияти суханони худ аз ,,Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус ,,Андар шинохтани ҳаққи модару падар” нигоштаҳои арзишмандеро рӯйи когаз овараданием. Кайковус ба писари худ Гелоншоҳ насиҳат карда мегӯяд, ки ,,...бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро ки он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падару модар дорӣ, ки масал одамӣ ҳамчун мева аст ва модару падар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро тааҳҳуд (нигоҳубин) беш кунӣ, мева аз вай накӯтару беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро ҳурмату озарм беш дорӣ, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва мустаҷобтар бувад...ва ба хушнудии эшон наздиктар бошӣ. Ва зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар ончи рӯзии ту бошад, ба ту бирасад”. ,,Қобуснома”, нашриёти ,,Маориф”. Душанбе 1979, (саҳифаи 14, 15). Оре, дуои падару модар ва ҳурмати иззати онҳо беҳтарин ганҷина барои фарзанд аст. Чи тавре устод Айнӣ мегӯяд, ки модарам вақти дар бистари беморӣ бо марг мубориза мебурд, ба ман дуо карда ҳазор сола шавӣ гуфт. Имрӯз гарчи Айнӣ нест, вале номи ӯ то ҷаҳон ҳаст, боқист.

Ҳасрати дӯсти гиромиеро ба қалам меорем:

...ӯ мегӯяд, ки инсон дар зиндагонӣ бояд ба қадри шахсиятҳое, ки барояш арзишманданд, бирасад. Ва инро ҳам набояд фаромӯш кунад, ки арзишмандтарин шахс барои ҳар як фард, Модар мебошад. Оре, мо ин фикри зеборо ба ҷону дил пазироӣ дорем. Албатта, аз ҳаракатҳои ин дӯстам пайгир мешавам, ки бесабаб дар симояш як пазмониву дар дил як дарде дорад, ки ин ҳама баҳри модари ҷонсӯзу ғамхораш, ки ӯро дар ҷаҳони бевафо дар айни ҷавонӣ тани танҳо гузошта олами фониро ба боқӣ падруд гуфтааст. Марги модарро ба худ як фоҷиае қабул кардааст, ки гӯё гуле шукуфонеро аз бӯстон канда ба як замини беобу бесабза шинонида бошанд. Яъне ӯ ҷудоӣ аз модарро ба худ чунин қабул кардааст. Ва бо ҳасрати хосса рӯйи забон меорад: – Ба гумонам Модарам дар бистари беморӣ азобу андӯҳи гарони зиёдеро аз сар гузарондааст, ки ман онро ҳис накардам ва имрӯз фироқи модар маро пазмон кардааст, ки он пазмониву сӯзишро касе дарк карда наметавонад. Охир, Модар – Модар аст! Имрӯзҳо, ки дар донишкада таҳсил дорам ва ҳар лаҳза орзу мекунам, ки эй кош, Модари мунису муштипарам, ки ҳар гоҳ маро сарзаниш мекард ва баъдан боз раҳм мекарду навозишам менамуд, аз пеши роҳам мебаромад ва пешвозам мегирифт. Эй кош, модари фариштаам дами дар мебаромаду хурсандӣ мекард ва маро дар оғӯш мегирифту аз пешонаам мебӯсид. Вале, афсӯсу саддареғ, ин давлати бебаҳои ман имрӯз аз чашмҳои интизори ман нопадид аст. Оҳ, харҷо, ки ҳастам ва ҳар вақту даме, ки сипарӣ кардаам ё ки таоме хӯрдаам, лаззате надорад. Ягона орзӯям ин аст, ки кош мебуд рӯзе ё лаҳзае, ки сарам дар зонуи Модар бошад ё сарҷамъона дар сари дасторхон бошем. Вале, ин як орзу мебошад, ки бо ман то лаҳзаи охирини ҳаётам боқӣ мемонад. Пас ҳар як шахс мебояд дар зиндагонӣ ин ганҷи бебаҳоро бо худ дошта бошад, пос дорад, иззату эҳтиромаш намояд.

Ҳастии модарро боз дар риштаи назмии устод Шоҳимардони Валимуҳаммад ҷило мебахшем, ки хеле зебову гуворо фармудаанд:

*Модар чи накӯ кони сахое будааст,*
*Ҳар панду насиҳаташ дуъое будааст.*
*Гар беадабӣ кардаму танбеҳам дод,*
*Ҳар танбеҳи ӯ чу сад шифое будааст.*

**Сабина ДАВРОНОВА,**
**Насим СОДИҚОВ,**
**донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Чирчиқ.**




## БУЗУРГОН ДАР БОРАИ ЗАН ВА НАҚШИ ОН ДАР ОИЛАВУ ҶАМЪИЯТ

Муҳаббат ба Ватан аз оила ибтидо мегирад.

**(Бэкон)**

Ҳамоне, ки чӣ тавр дӯст доштани занро нафаҳмид, аз зеботарин асрори олам бехабар дунёро тарк менамояд.

**(Стендал)**

Занҳо, баробари мардон, ки соҳиби истеъдоданд, ҷуз он ки ба ҳар гуна ҳурмату эътибор лоиқанд, яке аз тарбиятгарони асосии оилаанд. Ин тавр, ки ҳаст, онҳо низ бояд чун мардҳо ба асосҳои илми зарурӣ мусаллаҳ бошанд.

**(Фахрулбанот Сулаймонӣ)**

Хирадманде ба духтари худ ин гуна насиҳат мекард: “Духтарам, бо баромадан аз хонадоне, ки калон шудаӣ, дар манзили ношинос ватан мeёбӣ. Бо шавҳарат ин тавр муносибат намо: ту замин шав, вай осмон гардад.

Агар ту чун замин хоксор бошӣ, вай чун осмон олиҷаноб хоҳад гашт. Мисле осмон бо борони шифоӣ ба замин хуррамӣ мебахшад, ӯ низ бо меҳру шафқат туро хушнуд хоҳад сохт. Агар ту ба вай каниз гардӣ, вай туро ғулом мегардад.

Духтарам, аз шавҳарат харид сохтани чизҳоеро, ки қудраташ намерасад, асло талаб нанамо. Агар ин тавр кунӣ, ҳамҷиҳатие, ки дар байн ҳаст, нопадид мешавад. Худро бо чизҳои хушбӯ оро деҳ, аз бӯйҳои нохуш парҳез намо. Покизагӣ ҳамеша ҳамроҳат бошад. Аз гуфтани суханҳои киноямез забон нигоҳ дор, хушзабон шав, шавҳарат танҳо суханҳои хуш шунавад. Бо либоси нозеб дар наздаш нанишин!”

**(Олимат-ал-Банот)**

Яке аз асоситарин сифатҳои зан нармтабиатии ӯст.

**(Жан-Жак Руссо)**

Зани безеб вуҷуд надорад, фақат занҳое ҳастанд, ки зебо будани худро ҳис намекунанд.

**(Вивен Ли)**

Дарёфти дилу забони зан, таъмини осудагии хонадон, корҳои оилавиро бо як маром намунавор пеш бурдан, мисле як кишвари тамомро идора мекунанд, кори саҳл нест.

**(Татсит)**

Беҳтарин ороишот, ки хоси занону духтарон аст, иффат мебошад. Бонуе, ки иффат надорад, як вуҷудест бенур ва урён. Зане, ки барои ҳифзи иффат ҳаракат накард, ҳеҷ вақт ба муҳаббат ва илтифот сазовор намегардад. Хоҳарони азиз! Барои шумо беҳтарин неъмат, баландтарин мартаба, бузургтарин фазилат иффатнок будан мебошад. Зани иффатнок, гарчи камбағал аст, аз ҷиҳати маънавӣ бадавлат ҳисоб мeёбад. Зани беиффат, ҳарчанд сарватнок аст, ба назари омма фақир ва беҳурмат метобад. Бо сандуқҳои пури пул, дурру гавҳарҳои беҳисоб харид сохтани иффат имкон надорад. Иффат ҳамин гуна як боигариест, ки баҳо надорад!

**(Олимат-ал Банот)**

Таҳияи **Ш. МУҲАММАД.**

# МАРО НАГӮ, ӮРО ГӮ!

(Аввалаш дар саҳ.3).

...Як моҳ аст, ки аз писараш хат намеояд. Дар бораи торафт шиддатёбии муҳорибаҳо дар ҷангоҳҳои бешафқат ҳар хел хабарҳои воҳимаангез паҳн мешаванд. Ба куҷоҳое намеравад хаёли модаре, ки писари ягонааш дар фронт аст. Сиҳат бошад? Чаро хаташ дер кард?

Дунё ба назараш торик. Вале рӯзи равшан ҳам будааст: шавҳараш бо димоғи чоқ ба хона даромад ва аз зери тоқиаш конвертеро баровярда ба вай нишон дод:

– Аз писарамон мактуб!

Чашмони занак барқи шодӣ заданд:

– Ба ростӣ? Диҳед!

– Ба ту не, ба келинат.

– Аз ман руст мекардагӣ чӣ гап ҳам медошт бачаякам, – каме суст шуд Мастонбибӣ.

– Кушода мехонем.

– Не, – розӣ нашуд ҳамсараш. – Келинат хафа мешавад.

Баъде соҳиби сар номаро ба тоқи баланд гузошт ва берун баромад, Мастонбибӣ, бо дили пурҳаяҷон, хатро гирифт. Бӯиду бӯсид. Ба чашмонаш ашк тохт. «Ба ман не, ба арӯсат навишта бошӣ ҳам, майлаш. Коре карда, омад мактубат. Ба чӣ хаёлҳое рафтам, медонӣ?»

Баъди андак фурсат номаро бо эҳтиёт кушод. Чӣ навишта бошад ба занаш?

Эҳ, кошкӣ савод медошт!

Берун баромад. Писарчаи ҳамсояро гирифта овард, ки хатро хонда диҳад.

Писарак ба хондани нома шурӯъ сохт:

«Азизакам, моҳаки тобонам, ягонаам...»

Мастонбибӣ лаб газид. Ба писарак ишора сохт, ки поёнтарро хонад.

«Чашмони шаҳлои шумо ҳамеша дар пеши назарам...»

– Шуд. Он тарафи коғазро хон.

Писарак саҳифаи дуюми номаро хонд:

«Медонед, ҷони ширин. Дар таҳи борони тир ҳам бехавотир ҳис мекунам худро. Меҳри шумо, муҳаббати шумо - маро ҷавшан».

– Бас. Ин тараф деҳ.

Писарак номаро дод.

– Баллӣ, бачем. Ба ту рухсат. Ҳеҷ кас нафаҳмад, хуб?

Баъде писарак «хуб» гӯён баромада рафт, Мастонбибӣ лифофаро бо ширaи зардолу часпонд, ба ҷои пештарааш гузошт. Ҳеҷ ба хаёл намеовард, ки он мактуби оддӣ не, номаи ишқист. Ҳамин қадар нағз мебинӣ занатро? Вуҷуд доштани модари зорат дар хотират ҳаст ё не? Хайр, майлаш. Сарат омон бошад.

Келин бегоҳирӯз аз кор баргашт. Аҳли хонадон якҷо хӯроки шом хӯрданд. Вақте арӯс дарак ёфт, ки ба номаш мактуб омадааст, хаёле сурх шуд... Асное беовоз номаи аз фронт навиштаи шавҳарашро мехонд, модаршӯяш, даруни ҷогаҳ, худро ба хоб андохта ва паст хӯррак мекашид. Хотираш ҷамъ. Дилаш пури нур. Ба бахти дуят чашм нарасад. Зудтар ҷанг тамом шавад илоҳо, чашмҳои чор, дилҳои низор дидор бинанд.

Пагоҳаш: «Чӣ навиштааст бачаякам? Сиҳат-саломат будааст?» – пурсид Мастонбибӣ аз келин.

Келин оҳиста даҳон кушод:

«Як олам насиҳат кардаанд ба ман».

«Насиҳат?» – пурсид тааҷҷубомез Мастонбибӣ.

«Навиштаанд, ки агар хоҳӣ, ки аз ту розӣ бошам, модарамро хурсанд намо. Ба модари ҷонам, ҷону ҷаҳонам аз таҳти дил хизмат кун!»

«Не-е? Ҳамин тавр навиштааст?»

«Бовар намекунед? Ба духтаратон бовар намекунед? Худи ин гапро аз писаратон ҳам пурсидам. Ба ман бовар намекунед, гуфта пурсидам аз он кас. Хотирҷамъ бошед, модари шумо – модари ман! – гӯён алоҳида қайд кардам дар ана ин номаи ҷавобӣ».

Мастонбибӣ, дар қалб ҳаяҷон, мисле бори аввал менигариста бошад, дурударoз зеҳн монд ба дидаи келин, ки дар он меҳр медурахшид.

Сонӣ коғазро аз дасти вай гирифт.

– Канӣ хонда тавонаму... маза кунам аз ҳарфҳои муҳаббатомези келинҷонам. Ба бачаи ҳамсоя хононам майлаш?

– Майлаш, – розӣ шуд келин.

Бачаи ҳамсоя зуд даромада омад, номаро хонда дод:

«Тавре шумо дӯст медоред, ман ҳам бо тамоми вуҷуд дӯст медорам модарҷонро. Дилҷамъ бошед – хоки пояшон тӯтиёи чашмам...»

Мастонбибӣ ашк боздошта натавонист, келинашро ба бар кашид:

– Боақлакам. Меҳрубонакам. Духтарҷонам!!!

...Нисфишабӣ, вақте дигарҳо хобанд, Мастонбибӣ сурати писарашро ба даст гирифт. «Майлаш, маро нагӯ. Ҳамонро гӯ. Ҳамонро гӯ! Ҳамонро дӯст дор. Ба туву келинам умр диҳад. Бахт диҳад!»

Ин мегуфт ва оби дидаашро нигоҳ дошта наметавонист модари зор.

**Ш. МУҲАММАД.**

# БОНУИ СЕРКОР



Дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ модарони азиз, бонувону гулдухтарон хеле фаъоланд. Мушовири раиси маҳаллаи «Дӯстӣ»-и ноҳияи Янгиободи вилояти Ҷиззах оид ба корҳои диниву маърифатӣ Саодат Насруллоева бо вуҷуди он, ки ба сомон расонидани корҳои маҳалла саҳлу осон нест, боз барои иштирок дар чорабиниҳо вақту фурсат меёбад. Ӯ аслан тахассуси ҳамширагиро дорад. Инак, якчанд сол аст, ки бо модарон ҳамнафас, ба бонувон ёвару раҳнамо, маслиҳатгӯйи гулдухтарон аст.

Ҳамроҳи ҳамсараш Боймуродака се нафар фарзанд (ду духтару як писар)-ро ба камол расониданд. Ҳоло набераҳои чун мағзи донак ширинро навозишу меҳрубонӣ мекунанд.

Ба қарибӣ дар «Хонаи дӯстӣ»-и шаҳри Ҷиззах ӯро вохӯрдем, ки барои вохӯрӣ бо сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон омада буд ва ҳамроҳи ду нафар хонандагони мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 46-уми ноҳияи Фориш Рамзия Дӯнабоева ва Чарос Ҳамробоева ба сифати кадбону ба истиқбол гирифтани меҳмони азиз омодагӣ мегирифтанд. Гулдухтарон дар даст нону намак гӯё аз модари хеш пандҳо гирифта, шеърҳои аз бар намудаашонро ба ӯ мегуфтанд:

*Ватан сар мешавад аз бурдаи нон,*
*Ки мо хӯрдем аз хони падарҳо.*
*Ватан дилҷамъию озодии мост,*
*Ватан хушбахтию ободии мост...*

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

**Аккос: Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**

# АФСОНАИ БАҲОР

***(Тарона)***

Баҳор фасли зебоӣ ва шукуфоист. Дар ин фасл дилҳо аз ғам фориғ мешаванду аз фараҳу шодӣ лабрез. Наққоши табиат дар ин фасли сол манзараҳои аҷиб меофарад. Замин қабои сабзу махмалин ба бар мекунад. Аз гулҳои тару тозаи нав аз замин рӯида гулдастае таҳия намуда, ба модари хеш ҳадя месозем...

Бо омадани «арӯси сол» мурғи дил ба парвоз меояд. Шеърҳо, нақшҳо, таронаҳо бештар дар ҳамин айём мисли гулу сабза дар ёлаву пуштаҳои дил мерӯянд. Ба қавли шоир Салими Хатлонӣ:

*Баҳор омадани дурӯғи зебо буд,*
*Ки гоҳе нокомӣ зи бегуноҳии лабҳои пок рӯида.*
*Баҳор як муаммо буд,*
*Ҷавоби омаданаш:*
*Буд, набуд...*

**Анорбойи ШОДИПУР.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 730 ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.